**Иқтибос аз суратҷаласаи №19**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзад ва доктори илм дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.02.2020**

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 16 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 14 нафар иштирок карданд.

**Раис:** д.и.т., профессор Убайдулло Н. К.

**Иштирок карданд:** д.и.т., профессор Убайдулло Н. К. - раиси шӯро; д. и. т., узви вобастаи АИ ҶТ Пирумшоев Ҳ. П.- ҷонишини раиси шӯро; д. и. т. Хоҷаева Н. Ҷ. - котиби илмии шӯро; д.и.т. Абдурашитов Ф.М.; д.и.т. Бобомуллоев С.; д.и.т. Додхудоева Л.Н.; д.и.т. Дубовитский В.В.; д.и.т., академики АИ ҶТ Ёқубов Ю.; д.и.т. Қобилова Б.Т., д.и.т., профессор Раҷабов А.; д.и.т., профессор Саидов А.; д.и.т. профессор Муҳиддинов С.Р.; д.и.т., узви вобастаи АИ ҶТ Шарифзода А.А., д.и.т., профессор Ҳотамов Н. Б.;

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

Барои ҳимоя қабул кардани таҳқиқоти диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи: «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, тасдиқи муқарризони расмӣ ва ташкилоти тақриздиҳанда.

Тибқи фасли IV-уми Дастурамал дар бораи Шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзад ва доктори илм «Ташхиси аввалия ва қабули диссертатсия барои ҳимоя», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 26.11.2016 с. №505 тасдиқ шудааст, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 005, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, санаи 23.01.2020 комиссияро дар ҳайати: Ю.Ёқубов - доктори илмҳои таърих, академики АИ ҶТ, А.Саидов - доктори илмҳои таърих, профессор ва С.Р.Муҳиддинов - доктори илмҳои таърих, профессор барои баррасии диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи **«Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст, таъйин намуд.

Дар асоси аризаи унвонҷӯ, хулосаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2019, хулосаи комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, дар мутобиқат бо бандҳои 44-47 фасли IV Дастурамал дар бораи шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм, Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005

**Қарор мекунад:**

1. Хулосаи комиссия ҷиҳати мутобиқати диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи **«Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон»** аз рӯи ихтисоси 07.00.09.-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба соҳаҳои Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005 ва ба мавзӯи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.

2. Диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи **«Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои

таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Санаи ҳимоя 11 июни соли 2020 таъйин карда шавад.

4. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

-доктори илмҳои таърих Латифов Ҷӯра Латифович, профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

- номзади илмҳои таърих. Раҳматов Исмоил, дотсенти кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия.

5. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси ташкилоти тақриздиҳанда тасдик карда шавад.

6. Феҳристи ташкилотҳо ва ашхос барои фиристодани автореферат тасдиқ карда шавад.

7. Ба унвонҷӯ барои нашри автореферати диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда иҷозат дода шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «ҷонибдор » - 14, «муқобил» - 0, « бетараф» - 0.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.т., профессор Н.К.Убайдулло

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.т. Н.Ҷ.Хоҷаева

Имзоҳои Н.К.Убайдулло ва Н.Ҷ.Хоҷаеваро тасдиқ мекунам

Нозири шуъбаи кадрҳо Г.Файзуллоева